ТАҚРИЗ

ба афтореферати илмии Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзуи: «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаҳои Кӯлоби вилояти Хатлон», ки барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-039 дар назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои дифои дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ.

Рисолаи илмии Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич ба ихтисоси 06.02.02 - микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ мутобиқат менамояд.

Мубрамияти мавзуъ дар он асос меёбад, ки бемории сили чорвои калони шохдор барои саломатии инсон хавфи калони сироятёбӣ дошта, дар баъзан мавридҳо ба марг оварда мерасонад.

Аҳаммияти ин мавзуъ аз як силсила омилҳои вобаста ба ҳам сарчашма мегирад, ки на танҳо ба соҳаи бойтори, балки ба иқтисодиёт ва тандурустии ҷумҳурӣ низ тааллуқ дорад.

Чорводорӣ яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёти Тоҷикистон мебошад. Ин асоси амнияти ғизоӣ ва манбаи даромад барои хоҷагиҳои чорводории ҷумҳурӣ мебошад.

Бемории сил боиси фавти чорво гардида, ба иқтисодиёти соҳаи чоровдорӣ таъсири худро мерасонад.

Ғайр аз талафот аз ҳисоби бемории мазкур, хароҷоти гузаронидани тадбирҳои карантинӣ ва пешгирикунанда, инчунин маҳдудиятҳо, ки ба иқтисодёти соҳа зиён мерасонад, вуҷуд доранд.

Бемории сил ба гурӯҳи зооантропанозҳо ва антрозпанозҳо тааллуқ дорад.

Бинобар ин мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир саривақти мебошад.

Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар таҳқиқоти худ, бори нахуст алоқамандии сили ҳайвонот ва сили одамонро омӯхтааст.

Сил аз бемориҳои зоонозие ҳаст, ки аксар вақт дар ҳайвонот пайдо мешаванд ва ба одам метавонанд тавассути шир ва маҳсулоти хом он гузарад.

Ҳамин тариқ, ташхис ва муайян кардани барангезандаҳои бемориҳои зоонозӣ дар байни ҳайвонот, инчунин муайян кардани патогенҳо бо мақсади амалӣ намудани тадбирҳои зиддиэпизоотӣ ва пешгирии паҳншавии бемориҳои зоонозӣ масъалаи мубрам мебошад.

Хулосаҳо дар рисола асоснок буда, аз натиҷаҳои таҳқиқот мантиқан бармеоянд. Онҳо мундариҷаи корро пурра инъикос намуда, вазифаҳои пешниҳодшударо ҳал менамоянд.

Таҳқиқоти мазкур омӯзиши густариши бемории хафноки зоонозӣ - силро дар хоҷагиҳои чорводорӣ минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ба таври ҳамаҷониба дар бар мегирад, ки аз аҳаммияти баланди илмии он шаҳодат медиҳад. Барои ташхиси дуруст усулҳои муосир, аз ҷумла аксуламали занҷири полимеразӣ (АЗП) истифода шуд.

Тадқиқоти мазкур имкон дод, ки бо истифода аз адабиётҳои мавҷуда хусусиятҳои барангезандаи беморӣ таҳлил карда шавад ва густариши ин беморӣ, хоҷагиҳои чорводорӣ минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ба шакли муқоисавӣ арзёбӣ гардад, ки аҳаммияти назариявии тадқиқотро инъикос менамояд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз натиҷаҳои ба таври бевосита дар амалияи ветеринарӣ истифода шудани таҳқиқот шаҳодат медиҳад. Дастурҳо ва тавсияҳои методӣ, ки аз рӯи натиҷаҳои кор таҳия шудаанд, ки аз ҷониби Комитети бехатарии озуқавории Тоҷикистон тасдиқ гардида, ба хоҷагиҳои чорводорӣ пешкаш шудаанд.

Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот аз ташхиси саривақтӣ ва пешгирии ин беморӣ ба коҳиши талафоти иқтисодӣ аз фавти ҳайвонот иборат мебошад.

Таҳқиқот ба баланд бардоштани сатҳи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ ва ҳифзи саломатии аҳолӣ мусоидат мекунад, ки аз аҳамияти иҷтимоии тадқиқот шаҳодат медиҳад.

Маводҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таҳсил барои донишҷӯён, аспирантҳо ва кормандони соҳаи байтори ва биология истифода шаванд.

Ин таҳқиқот аҳаммияти калони илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад ва татбиқи васеи натиҷаҳои он ба рушди самараноки соҳаи байтори ва дар маҷмӯъ соҳаи чорводорӣ ва ҳифзи саломатии аҳолии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Автореферати баррасишуда як кори илмии ба анҷомрасида мебошанд, ки дар худ натиҷаҳои илмию амалии ба дастовардаи муаллифро дар бар мегиранд.

Таҳқиқот ҳамаи фасли зарурӣ ва бардхурдҳои лозимиро дар бар гирифта, мақсади муайяне доранд ва ба таври мантиқӣ ва пайдарпай ба фасли навбатӣ гузашта, ба кори илмии ба анҷомрасида шакл медиҳанд.

Хулоса.Кори илмии Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзуи "Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаҳои Кӯлоби вилояти хатлон" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 – микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ пешниҳод шудааст, аз ҷиҳати илмӣ ва методӣ дар

сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ иҷро гардида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Низомномаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, ва муаллиф ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда сазовор аст.

Мудири кафедраи бехдотшти
ветеринарии ДАТ ба номи Шириншоҳ
Шоҳтемур номзади илмҳои ветеринарӣ,
дотсент Иматшоев И.Х.

Суроға:734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146,
Тел: +992917119104, **Email:** imatshoyev66@mail.ru

Сураҷаи ҷойи зист: ш.Душанбе
н.Сино кучаи Дилкушо 26 хонаи №9

Имзои Иматшоев И.Х. - ро тасдиқ мекунам,
Сардори шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии
ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.

11 декабри соли 2025

Суроғаи муассиса: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146,
Тел: (992) 2243739, **Email:** rectortau31@mail.ru